Садоқат ва ростиро пеша кунед, зеро ростӣ ба некӣ мебарад ва некӣ ба биҳишт мебарад

Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Садоқат ва ростиро пеша кунед, зеро ростӣ ба некӣ мебарад ва некӣ ба биҳишт мебарад. Ҳамвора шахс рост мегӯяд ва ростиро меҷӯяд, то ин ки назди Худованд ростгӯ навишта мешавад. Аз дурӯғ парҳез кунед, ки дурӯғ ба фисқу фуҷур мебарад ва фисқу фуҷур ба дӯзах. Ҳамвора шахс дурӯғ мегӯяд ва дар дурӯғ талош мекунад, то ин ки назди Худованд дурӯғгӯ навишта мешавад."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба сидқу ростгӯӣ амр намуданд ва хабар доданд, ки риояи он ба амалҳои савоб ва пойдории корҳои нек мерасонад. Ва касе, ки пайваста некӣ кунад, ба биҳишт мерасад. Ҳамвора ростӣ дар ниҳону ошкоро аз ӯ сар мезанад, то ин ки сазовори номи "сиддиқ" мегардад, ки он маънои бисёр ростгӯ ва содиқ буданро дорад. Сипас Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз дурӯғ ва суханони ботил ҳушдор дод, зеро онҳо инсонро аз ростӣ дур мекунанд ва ба амалҳои бад, фосид ва гуноҳ мебаранд, ки дар охир ӯро ба дӯзах мерасонад. Ӯ ончунон дар дурӯғгӯӣ зиёдаравӣ мекунад, ки назди Худованд дурӯғгӯ навишта мешавад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/5504